**НУСХА**
**аз суратмаҷлиси № 07 кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**26.01.2023** **шаҳри Душанбе**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра н.и.ҳ., дотсент Қодиров Н.А., дотсентон Кодиркулов Х.Р., Сулаймонов Ф.С., Мирзоев А.М., н.и.ҳ. муаллими калон Саломов И.И. ва ассистентон Одинаева Н.Ҳ., Одинаев У.С., Исматзода И.Б., Қурбонов Ҷ.С., Асоев Д.Б., Ҳасанова З.И., лаборанти калони кафедра Одинаева З.Ҷ.

**Рӯзномаи маҷлис:**

8. Муҳокимаи диссертатсияи Абдуллозода А.Р. – унвонҷӯйи кафедра дар мавзӯи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Роҳбари илмӣ: Бобозода Умед – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Раиси ҷаласа Қодиров Н.А.: диссертатсияи Абдуллозода А.Р. дар соли 2022 дар кафедра муҳокима шуда буд. Дар он ҷаласа роҳбари илмӣ, ду муқарриз: дотсентони кафедра Қодирқулов Х.Р. ва Сулаймонов Ф.С. бо назардошти эродҳои ҷойдошта, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо таклифу пешниҳодҳо намуда буданд, ки аз ҷониби унвонҷӯй камбудиҳои муқарризон бартараф карда шудааст.

Барои асоснок намудани мубрамияти кори илмӣ, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни диссертатсия сухан ба унвонҷӯйдода мешавад (баромад замима мегардад).

Баъди баромади Абдуллозода А.Р. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳ́ои гузошташуда ҷавобҳои мушаххас гардонида шуд.

Роҳбари илмии унвонҷӯй Бобозода У.Х. низ баромад намуда, қайд кард, ки андешаҳои унвонҷӯй оид ба ин мавзуъ дар тақризи ӯ расман инъикос ёфтааст. Ба андешаи унвонҷӯй Абдуллозода А.Р. бо қабулшудани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқоти мазкур бештар муҳим гардид, чунки дар қисми сеюм, фасли VIII-и кодекси мазкур тағйироти зиёде ба назар мерасад. Ин мавзуи таҳқиқнамудаи унвонҷӯй дар илми муосири ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ масъалаҳои нав мегузорад, ки онҳо ҳалли худро дар диссертатсияи Абдуллозода А.Р. пайдо карданд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Абдуллозода А.Р. – унвонҷӯйи кафедра дар мавзуи «Шартномаҳои

консессионӣ: дурнамо ва рушд » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пурра ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Раиси ҷаласа Қодиров Н.А.: ин пешниҳодро ба овоздиҳии кушода аъзоёни кафедра мегузорем.

Ҳамин тавр, кафедра чунин қарор қабул кард:

1. Диссертатсияи Абдуллозода А.Р. – унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ дар мавзуи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

2. Хулосаи мусбии кафедра оид ба диссертатсияи мазкур қабул гардида ва барои тасдиқ ба Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад (хулосаи кафедра замима мегардад).

Дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 12 нафар устод иштирок дошта, якилона 12 нафар овоз доданд, тарафдор – 12 нафар, зид ва бетараф нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи ҳуқуқи
байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
дотсент, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: Қодиров Н.А.

Котиби ҷаласа, лабарант: Одинаева З.Ҷ.

Имзоҳои Қодиров Н.А. ва Одинаева З.Ҷ. - ро тасдиқ
мекунам. Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

26.01.2023